# Паёмҳои асосӣ: Шиносоӣ бо маҳсулоти ёрирасон

TAP

## Дарси якум: Маҳсулоти ёрирасон чист?

- Маҳсулоти ёрирасон маҳсулотест, ки одамон онҳоро барои иҷрои вазифаҳое истифода мебаранд, ки дар акси ҳол онҳоро хуб анҷом дода наметавонистанд, ё тамоман анҷом дода наметавонанд.
- Маҳсулоти ёрирасонро кӯдакон ва калонсолон метавонанд истифода баранд.
- Навъҳои гуногуни маҳсулоти ёрирасон вуҷуд доранд, ки ба одамон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ёрӣ мерасонанд, ба монанди: фикррониӣ, муошират кардан, шунидан, дидан, сайругашт кардан ва худнигоҳубинӣ.
- Қисми зиёди одамон, вобаста ба эҳтиёҷоташон, зиёда аз як навъи маҳсулоти ёрирасонро истифода мебаранд.

## Дарси дуюм: Кӣ ба таъмини маҳсулоти ёрирасон машғул аст?

- Одамони зиёд дар таъмин намудани маҳсулоти ёрирасон нақш мебозанд, аз ҷумла:
  - Шахсе, ки ба маҳсулоти ёрирасон эҳтиёҷ дорад
  - Оила ва дӯстони онҳо
  - Шахсоне, ки онҳоеро, ки ба маҳсулоти ёрирасон эҳтиёҷ доранд, ба хадамот бозравонӣ мекунанд
  - Таъминкунандагони омӯзишдидаи хизматрасониҳо
  - Аъзоёни ҷомеа

## Дарси сеюм: Чӣ гуна маҳсулоти ёрирасон таъмин карда мешавад

Маҳсулоти ёрирасон бо 4 роҳ таъмин карда мешаванд:

1. Арзёбӣ ва **интихоб намудани** маҳсулоте, ки эҳтиёҷоти шахсро бо беҳтарин ваҷҳ қонеъ мегардонад.
2. **Мувофиқ сохтани** маҳсулот.
3. Омӯзондани чигунагии истифода ва нигоҳдории маҳсулот ба шахс.
4. **Пайгирӣ кардан,** аз ҷумла таъмир ва нигоҳдорӣ дар сатҳи бунёдӣ.

- Ин чор қадам ёрӣ мерасонанд, то боварӣ ҳосил карда шавад, ки одамон бо маҳсулоти бехатар ва муносиб таъмин карда шаванд; шахсони мазкур маҳорати истифодаи маҳсулотро доранд; ва барои боварӣ ҳосил кардан ба он, ки маҳсулот ҳанӯз эҳтиёҷоти онҳоро қонеъ мегардонад ва онҳо дар марҳалаҳои баъдӣ дастгирӣ меёбанд.
- Хеле муҳим аст, шахсе, ки маҳсулотро ба даст меорад (ва оила ё парастори ӯ, дар ҳолати зарурӣ) иштироккунандаи фаъол дар ҳар як қадами ин раванд бошад.

## Дарси чорум: Мулоҳизаҳо дар мавриди таъмини хизматрасониҳо вобаста ба маҳсулоти ёрирасон

- Таъмин намудани баъзе маҳсулоти ёрирасон вақти зиёдро мегирад, дигар маҳсулот метавонанд зуд таъмин карда шаванд. Ин аз як қатор омилҳо вобаста аст, аз ҷумла:
  - То кадом андоза маҳсулоти ёрирарасон мураккаб (печида) аст
  - Эҳтиёҷот ва вазъи саломатии одам
  - Муҳите, ки одам маҳсулоти ёрирасонро дар он истифода мебарад
  - Шахсе, ки маҳсулоти ёрирасонро истифода мебарад, то кадом андоза таҷриба дорад.
- Ҳатто бо маҳсулоти дурусти ёрирасон, одамон дар аксари ҳолатҳо ба монеаҳое, ки дар анҷом додани корҳои мавриди хосташон халал мерасонанд, дучор мешаванд. Ин монеаҳо метавонанд инҳоро дар бар гиранд:
  - Монеаҳои ҷисмонӣ, ба монанди муҳити дастнорас
  - Доғи нанг ва табъиз
  - Норасоии маълумоти дастрас
  - Норасоии сиёсатҳо ва хизматрасониҳои ҳимояткунанда
- Ҳар як шахс бояд нақши худро бозад, то боварӣ ҳосил намояд, ки шахсоне, ки маҳсулоти ёрирасонро истифода мебаранд, дар раванд шомил карда шудаанд ва метавонанд корҳои мавриди хосташонро ба таври баробар, мисли шахсони  дигар анҷом диҳанд.